**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Насриддинзода Э.С.___________
аз «29» ____01____ соли 2026.

**НУСХА АЗ СУРАТМАҶЛИСИ №6-и**
ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 24-уми январи соли 2026. ш. Душанбе

Раис: мудири кафедра, н.и.ҳ., дотсент Қодиров Н.А.
Котиб: лабаранти кафедра Одинева З.Ҷ.

ИШТИРОК ДОШТАНД: мудири кафедра, н.и.ҳ., дотсент Н.А Қодиров, профессор Н.М. Имомзода, дотсентон М.Н. Раҷабзода, Х.Р. Қодирқулов, Ф.С Сулаймонов, А.М. Мирзоев, Ҳ.Х. Саидзода, И.И. Саломов, номзадҳои илмҳои ҳуқуқшиносӣ Н.Ҳ. Одиназода, Ҷ.С. Сайвализода, ассистентон У.С. Одиназода, Э.А. Шоҳиён, Ф.А. Одиназода ва лаборанти кафедра З.Ҷ.Одинева.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

1. Муҳокимаи диссертатсияи унвониҷӯи кафедраи ҳуқуқи байналхалқии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ» аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ

**Роҳбари илмӣ:** Раҷабзода Маҳмадёр Носир – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, ректори Донишкадаи омузгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт.

**Шунида шуд:** Оид ба масъалаи мазкур унвонҷӯ Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд вобаста ба мубрамият, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии таҳқиқи диссертатсионии баромад намуда, қайд намуд, ки дар танзими вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳо бо унсури хориҷӣ аз мақоми хос бархӯрдор мебошад. Зеро, ҳамгироӣ ва тавсеаи муносибатҳои байналмилалӣ, рушди босуръати муносибатҳои байнидавлатӣ, аз ҷумла дар самти алоқа,

наклиёт ва муносибатҳои ҳамҷавор байни давлатҳо густариш ёфта, робитаҳои гуногун байни шаҳрвандони Тоҷикистон ва шахсони хориҷӣ ба миён омаданд. Дар ин замина ба туфайли сиёсати «дарҳои кушод»-и ҳукумати мамлакат ва сиёсати сулҳпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рушди муносибатҳои дорои унсури хориҷӣ бо иштироки шахсони воқеӣ аз ҳисоби васеъ гаштани муносибатҳои савдои хориҷӣ, афзоиши муҳоҷирати меҳнатӣ, рушд намудани муносибатҳои оилавӣ байни шаҳрвандони давлатҳои гуногун ва дигар муносибатҳои дорои унсури хориҷӣ бо иштироки шахсони воқеӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба назар мерасад.

Бо ин назардошт, омӯзиши вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ на танҳо аҳаммияти илмию назариявӣ, балки воқеияти низоми ҳуқуқи миллӣ ва низоми ҳуқуқи байналмилалиро ифода мекунад.

Таърихан, вобаста ба вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ (шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бешаҳрванд, гурезагон) таҳаввулоти тӯлонӣ ба амал омадааст, чун аз таҳаммулнопазирӣ нисбат ба онҳо то аз байн рафтани чунин муносибат, гузариши онҳо аз ҳолати беҳуқуқӣ то ба даст овардани ин ё он ҳаҷми ҳуқуқу уҳдадориҳо, ҳимояи ҳуқуқӣ ва ғайра.

Масъалаи субъекти ҳуқуқӣ ва вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ ҳамчун иштирокчиёни муносибатҳои байналмилалии хусусӣ аз аҳаммияти муҳим бархӯрдор мебошад. Дар замони муосир шароити боз ҳам густариш ёфтани муносибатҳои иқтисодиву маданӣ вақте, ки муносибатҳои ҳуқуқӣ дар дохили як давлат ба миёномада дар дигар давлат оқибатҳои ҳуқуқиро ба вуҷуд меорад ва бештари ин муносибатҳо бо иштироки шахсони воқеӣ сурат мегиранд. Таҳлили масъалаҳои коллизионии ин муносибатҳо ва пажӯҳиши масъалаҳои ба онҳо алоқаманд ҳамчун масъалаи мубрами илми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ эътироф карда мешавад.

Дар ҷараёни ҷаласа аз ҷониби иштирокчиён д.и.ҳ., дотсент Имомзода Н.М. дотсентон Сулаймонов Ф.С., Сайвализода Ҷ.С. ва Мирзоев А.М., ба унвонҷӯ саволҳо дода шуд, ки ба онҳо Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд вобаста ба саволҳои гузршта ҷавобҳои мукаммал гардонид.

Баъдан роҳбари илмии унвонҷӯ Раҷабзода Маҳмадёр Носир - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, ректори Донишкадаи омузгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт баромад намуда, оид ба фаъолияти илмӣ-омузгорӣ ва таҷрибаи таҳқиқоти илмии Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд баромад намуда, иброз дошт, ки унвонҷӯ омузгори хуб буда, малакаи баланди эҷодӣ дорад ва таҳқиқоти диссертатсион ӯ ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб

меравад ва мавзуи он ба истеҳсолоти илмии ҳуқуқшиносӣ пайвандӣ дошта, барои татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат менамояд.

Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мутобиқат карда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад.

Дар охир аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш карда шуд, ки довталабро дастгирӣ намоянд.

Сипас, раиси ҷаласа н.и.ҳ., дотсент Қодиров Н.А. баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия намуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия иштирокчиёни дигар, аз ҷумла н.и.ҳ, дотсентон Қодиров Н.А., Имомзода Н.М., Сулаймонов Ф.С., Қодирқулов Х.Р. ва Сайвализода Ҷ.С. баромад намуда, ба унвонҷӯ тавсияҳои муфиди илмӣ доданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқро қайд карда, саҳми шахсии унвонҷӯро дар таҳқиқу баррасии масъалаҳои назариявӣ-амалӣ ва методологӣ мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд муҳаққиқи пурмаҳсул буда, муаллифи 9 таълифоти илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 маҷалаҳои дигар нашр намудааст, инчунин иштирокчии конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ мебошад.

Ҳамчунин, дар рафти муҳокима баромадкунандагон як қатор пешниҳодҳо ва андешаҳои муҳимро баён карданд. Аз ҷумла, онҳо таъкид намуданд, ки зарур аст нуқтаҳои алоҳида ва асосии диссертатсия бо таври дақиқ, возеҳӣ ва мушаххасии бештар ифода карда шаванд. Баробари ин, пешниҳод гардид, ки механизмҳо, роҳҳо ва шароити воқеии амалӣ гардондани пешниҳодҳо ва тавсияҳои илмии пешниҳодшуда бо мисолҳои мушаххас тавзеҳ дода шаванд. Дар маҷмуъ тавсияҳои аз ҷониби мутахассисон пешниҳодшуда ба таҳқиқи диссертатсионӣ мусоидат менамоянд.

Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас, лоиҳаи хулосаи кафедра, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, бо назардоштиислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи байналхалқии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 24 январи соли 2026, №6 қабул гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: ҳамагӣ - 14 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 14 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Раис: номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
Дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи
байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Қодиров Н.А.

Котиби ҷаласа: лаборанти кафедра Одинаева З.Ҷ.

Имзои Қодиров Н.А. ва Одинаева З.Ҷ.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.
24.01.2026

Суроға: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj,
сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj